Баёнияи матбуотӣ

# KOICA ва UNOPS ба 13 бемористон, ки 2 миллион нафар аҳолии Тоҷикистонро хизмат мерасонад, 225 адад кат таҳвил дод.

Бо ташаббус ва дастгирии саховатмандонаи Агентии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA), Дафтари Хадамоти Лоиҳавии Созмони Милали Муттаҳид (UNOPS) 225 кати беморхонаҳои механикӣ, аз ҷумла матрасҳо ва ҷойпӯшҳо, ба 13 бемористони Душанбе, Шаҳринав ва Турсунзода, инчунин минтақаҳои Катлон ва Суғд таҳвил дод. Таҳвилҳо рӯзи 28 майи 2021 ба анҷом расиданд.

Интизор меравад, ки онҳо ба аҳолии ду миллион нафар ва ҳамасола ба 6,700 бемор хидмат расонанд. Ин дастгирӣ ба бемороне, ки табобати бемористонро, аз ҷумла бо сабаби пандемияи давомдори COVID-19 ва инчунин терапияи дарозмуддат, талаб мекунанд, нигаронида шудааст.

Лоиҳаи мазкур, ки бо ташаббуси KOICA ва аз ҷониби ЮНОПС амалӣ шудааст, нигарони дастгирии мустақими тақвияти соҳаи афзалиятноки тандурустӣ ва нақшаи вокуниши COVID-19-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВТҲИА ҶТ) ва амалиёти муштараки Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон мебошад.

Бо дарназардошти аҳамияти ин лоиҳа, **хонум Фрея фон Гротэ, директори Дафтари чанд кишварии Австрия ва Намояндаи UNOPS дар Тоҷикистон** чунин изҳор намуд: "*UNOPS мутмаъин аст, ки минбаъд низ ташаббусҳои Ҳукумати Тоҷикистонро дар такмили соҳаи тандурустии кишвар, аз ҷумла посух ба пандемияи давомдори COVID-19 дастгирӣ намояд. Мо тавонистем ин хизматрасониро дар асоси таҷрибаи фаровони худ, шабакаи глобалии таъминкунандагон ва ҳузури худ дар Тоҷикистон ба амал расонем.* "

Дар бораи таҳвили таҷҳизот сухан ронда, **доктор Ғафур Муҳсинзода, Муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,** афзуд**:** «Дар охири моҳи декабри соли 2020, KOICA ба Ҳукумати Тоҷикистон саховатмандона маблағ ҷудо кард, то ба пандемияи COVID-19 вокуниш нишон диҳад. Дар ҳамкории зич бо ЮНОПС, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавонист хариди саривақтӣ, муассир ва

шаффофи катҳои механикиро барои беморони COVID-19 дар зиёда аз 13 беморхона таъмин намояд, ки ба манфиати шифо ва барқароршавии онҳо аст."

Анҷоми бомуваффақияти лоиҳаро инъикос намуда, ҷаноби **Минхён Сон, ноиби президенти KOICA** чунини гуфт:
*"Барои иҷрои ҳадафҳои барномаи Кӯмакҳои хориҷии ҳукумати Корея, яъне бинои стратегияи Эътимод, KOICA Барномаи ҳамаҷонибаи вокуниши сареъро дар кишварҳои гуногун амалӣ мекунад. KOICA итминон дорад, ки катҳое, ки UNOPS бомуваффақият харидорӣ ва таҳвил намуд, ба Ҳукумати Тоҷикистон дар вокуниши фаврӣ ба пандемия ва ташкили хадамоти устувори тандурустӣ кумак хоҳанд кард. "*



Таҳвил ба Маркази тиббии шаҳри Душанбе ба номи К.Аҳмедов, 11 майи соли 2021, Тоҷикистон.



Кормандони тиббии беморхонаи Шахринав кати нави тиббиро барои бемороне, ки табобати бемористонро талаб мекунанд, омода месозанд. 11 майи соли 2021, Тоҷикистон.



Беморро аз кати кӯҳнаи тиббӣ ба бистари нав интиқол медиҳанд, ки бо маблағгузории KOICA харидорӣ шуда, ба беморхонаи Шаҳринав таҳвил шудааст. 11 майи соли 2021, Тоҷикистон.




Кати бемористонӣ дар Маркази тиббии шаҳри Душанбе ба номи К. Аҳмедов, 11 майи соли 2021, Тоҷикистон.

**Эзоҳҳо барои муҳаррирон:**

**Замина**

Дар моҳи декабри соли 2020, дар мобайни яке аз бадтарин бӯҳронҳои ҷаҳонии тандурустӣ, ЮНОПС ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВМҲАТ) барои кӯмак ба саломатии аҳолӣ дар рафти бӯҳрон ба маблағи 400,000 доллари ИМА созишнома имзо карданд, ки барои дастгирии Ҳукумат дар харид ва таҳвили 225 кати механикӣ ба 13 беморхонаи асосии саросари кишвар, ва ба манфиати тақрибан 2 миллион нафар аҳолии Тоҷикистон, ки дар минтақаҳои амали беморхонаҳо зиндагӣ мекунанд, нигаронида шудааст. Ин кафолат медиҳад, ки бемороне, ки ба нигоҳубини бемористонӣ ниёз доранд, барои шифо кӯмаки заруриро мегиранд.

Маблағгузорӣ аз KOICA ба UNOPS имкон дод, ки ниёзҳои бемористонҳои аз ҷониби Вазорати тандурустӣ интихобшударо тавассути пешниҳоди хидматҳои идоракунии лоиҳа ва харид, ҳамоҳангсозии таҳвил, тақсимот ва инчунин дастгирии техникии марбута (монтаж, дастурдиҳӣ, кафолати 2-сола)-ро таъмин намояд.

**Маълумот барои тамос:**

Кибриё Ҷумаева, Мушовири Барномаҳои Шарикӣ
Kibriyoj@unops.org

**Дар бораи UNOPS**

Ҳадафи UNOPS - кӯмак ба мардум ва кишварҳо дар созиши зиндагии беҳтар ва ноил шудан ба сулҳ ва рушди устувор аст. Мо ба ҳукуматҳо, Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон дар идоракунии лоиҳаҳо дар раванди инфрасохтори устувор ва харид ба таври муассир кӯмак мерасонем. Маълумоти бештар: www.unops.org

**Дар бораи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВТҲА ҶТ)**

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ дар бахши тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ масъул аст. Маълумоти бештар: http://moh.tj/

**Дар бораи KOICA**

Агентии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA) - созмони пешбари ҳамкориҳои рушд барои ноил шудан ба арзишҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ мебошад. Ҳадафи KOICA - мусоидат ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ тавассути лоиҳаҳои гуногун мебошад, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ ва мубодилаи тарафайн байни Корея ва кишварҳои шарикро созмон медиҳанд ва рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои шарикро дастгирӣ мекунанд.
Маълумоти бештар: www.koica.go.kr

**- ПОЁНИ ҲУҶҶАТ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ -**